**КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ**
**НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ФАРМОИШ**

аз «2» марти соли 2022 № 84/шд. ш. Душанбе

Дар бораи таъсиси
шӯрои диссертатсионӣ

Мутобиқи бандҳои 9 ва 18 Низомномаи муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, №270) ва банди 15 Низомномаи шӯрои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267),

**ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:**

1. Шӯрои диссертатсионӣ оид ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020301 - Таърихи ватанӣ ва 6D020303 - Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) ва 6D020800 – Бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ (6D020802 - Мардумшиносӣ, этнология ва антропология) ва барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих ва доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисосҳои 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 - Таърихи ватанӣ, 07.00.07 - Мардумшиносӣ, этнология ва антропология ва 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) дар назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таъсис дода шавад.

2. Ба шӯрои диссертатсионӣ ваколати қабул ва баррасии диссертатсияҳо оид ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020301 - Таърихи ватанӣ ва 6D020303 - Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) ва 6D020800 – Бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ (6D020802 - Мардумшиносӣ, этнология ва антропология) вогузор карда шавад (замимаи 1).

3. Мутобиқи банди 15 Низомномаи шӯрои диссертатсионӣ ба шӯрои диссертатсионӣ қабул ва баррасии диссертатсияҳо ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих ва доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисосҳои

07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 - Таърихи ватанӣ, 07.00.07 - Мардумшиносӣ, этнология ва антропология ва 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) иҷозат дода шавад (замимаи 2).

4. Ҳайати шӯрои диссертатсионӣ 15 нафар ҳисобида шавад

5. Фаъолияти шӯрои диссертатсионӣ бо риояи қатъии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба роҳ монда шавад.

6. Рамзи шӯрои диссертатсионӣ 6D.KOA-035 муайян карда шуда, мухлати фаъолияти он 1 (як) сол муқаррар карда шавад.

7. Нусхаи фармоиши мазкур дар муҳлати 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидан дар сомонаи Комиссия ҷойгир карда шавад.

8. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Иброҳимзода Д.Э. вогузор карда шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 феврали соли 2022, №2.

Раис Розиқзода А.